***ТДУ 930.85***
***DOI:10.24412-2077-4990-2024-380-57-62***

***СИСТЕМАИ ЭНЕРГЕТИКИИ ВИЛОЯТИ МУХТОРИ КӮҲИСТОНИ БАДАХШОН ДАР СОЛҲОИ ИСТИҚЛОЛИЯТ***

***Абдуҳакимова Мунзифа Соҳибовна,*** *ассистенти кафедраи ҳуқуқшиносӣ ва муносибатҳои байналмилалии муассисаи давлатии «Донишкадаи байналмилалии Хуҷанд»-и Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон (Тоҷикистон, Хуҷанд)*

***СИСТЕМА ЭЛЕКТРОСНАБЖЕНИЯ ГОРНО–БАДАХШАНСКОЙ АВТОНОМНОЙ ОБЛАСТИ В ГОДЫ НЕЗАВИСИМОСТИ***

***Абдухакимова Мунзифа Сохибовна,*** *ассистент кафедры права и международных отношений Государственного учреждения «Худжандский международный институт» Таджикского международного университета туризма и предпринимательства (Таджикистан, Худжанд)*

***POWER SUPPLY SYSTEM MOUNTAINOUS AUTONOMOUS REGION BADAKHSHAN IN THE YEARS OF INDEPENDENCE***

***Abduhakimova Munzifa Sohibovna,*** *Assistant of the Department of Law and International Relations of the State Institution "Khujand International Institute" of the Tajik International University of Tourism and Entrepreneurship (Tajikistan, Khujand)*
***E-mail:*** *munzifa.abdukhfkimova@mail.ru*

***Калидвожаҳо:*** *энергетика, ВМКБ, НБО, зеристгоҳ, барномаҳои энергетикӣ, нерӯи барқ*

*Дар мақола масъалаи инкишофи системаи энергетикии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон дар солҳои истиқлолият мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Бояд қайд кард, ки ВМКБ аз лиҳози ҳудуд калонтарин вилоят дар Тоҷикистон ба шумор рафта, аз ҷиҳати аҳолӣ бошад камаҳолитарин вилоят мебошад. Дар вилоят имкониятҳои гидроэнегетикӣ нисбати дигар минтақаҳои Тоҷикистон камтар аст. Бояд гуфт, ки солҳои охир барои рушди соҳаи энергетика дар ВМКБ аҳамияти махсус дода шуда истодааст. Дар мақола самтҳои афзалиятноки таърихи рушди соҳаи энергетика дар ВМКБ дар солҳои истиқлолият муайян карда шудааст.*

***Ключевые слова:*** *энергетика, ГБАО, ГЭС, подстанции, энергетические программы, электроэнергетика*

*В статье рассматривается вопрос развития энергетической системы Горно-Бадахшанской автономной области в годы независимости. Отмечается, что ГБАО является крупнейшей областью Таджикистана по территории и наименее густонаселенной по численности населения. В области гидроэнергетические возможности ниже, чем в других регионах Таджикистана. Констатируется, что в последние годы для развития энергетической отрасли ГБАО придается особое значение. В статье определены приоритетные направления истории развития энергетической отрасли ГБАО в годы независимости.*

***Keywords:*** *power engineering, MARB, hydroelectric power plants, substations, energy programs, electric power industry*

*The article considers the issue of the development of the energy system of the Mountainous Badakhshan Autonomous Region during the years of independence. It should be noted that MARB is the largest region of Tajikistan in terms of territory and the least densely populated in terms of population. The hydropower potential in the region is lower than in other regions of Tajikistan. It should be noted that in recent years, MARB has been given special importance for the development of the energy industry. The article identifies the priority directions of the history of the development of MARB the energy industry in the years of independence.*

Масъалаи «Инкишофи соҳаи энергетика дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар таърихи замони истиқилолият мақоми хоссаро ишғол карда, диққати муаррихонро ба худ ҷалб кардааст. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба зарурияти таъмини истиқлолияти энергетикии кишвар зикр кардаанд: «Рушди имрӯзу фардои тамоми соҳаҳои иқтисоди миллӣ аз истифодаи боигарии асосии мамлакатамон, яъне захираҳои гидроэнергетикӣ вобастагии бузург дорад. Зеро ягон кишвари дунё бе рушди энергетика, инчунин коммуникатсияи ҳозиразамон тараққӣ карда наметавонад. Аз ин лиҳоз, мо бунёди нерӯгоҳҳои барқи обиро калиди ҳалли мушкилоти иқтисодиву иҷтимоӣ ва афзоиши нерӯи содиротии кишвар мешуморем.

Тоҷикистон дорои захираҳои бузурги барқароршавандаи гидроэнергетикӣ ва оби тоза мебошад, ки истифодаи оқилонаи онҳо натанҳо ба манфиати мардуми мамлакат, балки ба нафъи кишварҳои минтақа низ хоҳад буд» [4].

Ба гуфти Сарвари давлат дар соҳаи энергетикаи кишвар таъмини пурраи талаботи мамлакат бо нерӯи барқ ва гармӣ дар фаслҳои тирамоҳу зимистон тавассути барқарор намудани иқтидорҳои мавҷуда, истифодаи манбаъҳои алтернативии истеҳсоли қувваи барқ ва ба кор андохтани иқтидорҳои нав, инчунин татбиқи сиёсати самараноки сарфаи нерӯи барқ, паст кардани талафоти он, амалисозии лоиҳакашӣ ва бунёди марказҳои барқу гармидиҳӣ ва дар ин асос расидан ба истиқлолияти энергетикӣ аз ҷумлаи вазифаҳои аввалиндараҷаи мо мебошад.

Тоҷикистон яке аз кишварҳои дорои захираҳои бузурги гидроэнергетикии минтақа ва ҷаҳон ба ҳисоб меравад ва барои истифодаи самараноки захираҳои мавҷуда зарур аст, ки таҷдиду барқарорсозӣ ва сохтмони иншооти соҳаи энергетика босуръат идома дода шавад.

Зеро пешрафти ояндаи Тоҷикистон аз рушди гидроэнергетика вобастагии мустақим дорад.

Дар баробари ин, кишвари мо ҷонибдори иқдому ташаббусҳои ташкилоту созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ, аз ҷумла Созмони Милали Муттаҳид ва дигар давлатҳои пешрафта доир ба рушди манбаъҳои барқароршаванда ва аз лиҳози экологӣ тозаи нерӯ ҳамчун зербинои «иқтисоди сабз» мебошад.

Ҷиҳати таъмини минбаъдаи кишвар бо қувваи барқу гармӣ тавассути барқарор намудани нерӯгоҳҳои мавҷуда ва ба кор андохтани иқтидорҳои нав, аз ҷумла бунёди хатҳои интиқоли барқ, истифодаи сарфакоронаи нерӯи барқ, паст кардани талафоти он, истифодаи технологияи каммасрафи барқӣ ва аз ҷониби дигар, ба идораи оқилонаи захираҳои обӣ дар минтақа диққати афзалиятнок дода мешавад.

Сохтмон ва таҷдиду барқарорсозии нерӯгоҳҳои барқи обии хурду бузург, аз ҷумла Роғун, Норак, Қайроққум, Сарбанд, Маркази барқу гармидиҳии Душанбе-2, хатҳои интиқоли барқи дохилӣ, инчунин бунёди хатти интиқоли барқи КАСА-1000 барои содироти нерӯи барқи изофӣ дар фасли тобистон истеҳсолшаванда имконият медиҳанд, ки мо ба истиқлолияти энергетикии кишвар муваффақ шуда, эҳтиёҷоти аҳолиро дар тамоми фаслҳои сол ба нерӯи барқ таъмин намоем, ба рушди иқтисодиёти мамлакат такони ҷиддӣ бахшем, имкониятҳои содиротии кишварро афзун созем ва тавассути ҳамаи ин тадбирҳо ҳаллу фасли масъалаҳои имрӯзаи иҷтимоӣ, аз ҷумла баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии аҳолии мамлакатро таъмин намоем [2].

Ҳоло аз ҷониби Ҳукумати кишвар корҳои лоиҳакашии нерӯгоҳҳои барқи обии «Шӯроб», «Нуробод - 1», «Нуробод - 2», «Айнӣ», «Фондарё», «Санобод» ва «Себзор» идома дошта, сохтмони хатҳои интиқоли барқ ва бунёду барқарорсозии зеристгоҳҳои барқии ба нақша гирифташуда ба итмом расонида мешавад [2].

Раванди татбиқи қонунии барномаҳои гидроэнегетикӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи қонунгузорӣ дар соҳаи энергетика ба роҳ монда мешавад [3]. Дар ин раванд, фаромӯш набояд кард, ки баробари афзоиш ёфтани истеҳсоли нерӯи барқ шумораи аҳолӣ ва корхонаҳои саноатӣ низ зиёд шуда, талабот ба нерӯи барқ торафт меафзояд.

Барномаи энергетики Тоҷикистон аҳамияти байналхалқиро соҳиб мебошад ва аз ин лиҳоз дар Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаҳои ҳамкорӣ дар соҳаи об мавқеи муҳимро касб мекунад.

Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон вилояти камаҳолитарини Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон кӯшиш ба харҷ медод, ки бо истифода аз ҳаммаи имкониятҳо аҳолии вилоятро пурра бо нерӯи барқ таъмин намояд. Соли 1992 зеристгоҳи «Даштак» ва «Пашхор» бо иқтидори 2000 кВА/с ба истифода дода шуд [6, с. 53; 10, с. 242].

Бояд қайд кард, ки дар соли 1992 НБО-и «Сипанҷ» воқеъ дар ноҳияи Рӯшони ВМКБ бо иқтидори 160 кВт ба истифода дода шуд, ки эътимоднокӣ ва сифати нерӯи барқро дар ноҳия беҳтар гардонид [9,с.74].

Соли 1995 таҳияи лоиҳаи барномаи «Истифодаи захираҳои энергетикии дарёҳои хурд ва маҷрои ВМКБ барои гидроэнергетикаи хурд» анҷом ёфт. Дар Консепсияи рушди комплекси сӯзишворию энергетикӣ пешгӯии талабот ба нерӯгоҳҳои энергетикӣ, рушди соҳаҳои комплекси энергетикӣ мутобиқи стратегияи иқтисодии давлат бароиояндаи наздик ва оянда ҷойгоҳи муҳимро ишғол мекунад. Бо дарназардошти вазъи кунунии сиёсию иқтисодӣ бозсозии иқтисодиёти ҷумҳурӣ бо мақсади таъмини рушди устувори он дар оянда суръати тезро талаб мекунад.

Соли 1995 зеристгоҳи 110/35/10 кВА «Дзержинский» (н. Рӯдакӣ) бо тавоноии 22300 кВА, 120/10 кВ «Ҷиргатол» (навбати дуюм) – 10000 кВА, 35/10 кВА «Навобод» (ВМКБ) – 1600 кВА ба истифода дода шуданд. Соли 1996 бошад, навбати дуюми зеристгоҳи 220/10/10 кВА «Лолазор» бо иқтидори 63000 кВА ба истифода дода шуда буд [9, с.75].

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2019 дар соҳаи саноат 219 корхонаи нави саноатӣ бо таъсиси 2942 ҷойи корӣ, аз ҷумла, дар вилояти Суғд 59 бо 969 ҷойи кории нав, вилояти Хатлон 57 корхона бо 678 ҷойи кории нав, ВМКБ 3 корхона бо 87 ҷойи кории нав, шаҳри Душанбе 60 корхона бо 812 ҷойи кории нав ва НТҶ 40 корхона бо 386 ҷойи кории нав сохта ба истифода дода шуд. Аз шумораи умумии корхонаҳои нав: 38 корхона ба соҳаи мошинсозӣ, 53 корхона ба саноати сабук, 50 корхона ба соҳаи масолеҳи сохтмон, 62 корхона ба саноати хӯрокворӣ, 2 корхона ба саноати маъдан, 1 корхона ба саноати ангишт, 5 корхона ба соҳаи табъу нашр ва 8 корхона ба дигар соҳаҳо рост меоянд [5].

Идоракунии самараноки неъматҳои табиии давлатӣ, махсусан захираҳои энергетикӣ кафолати рушди соҳаи мазкур ба шумор меравад. Таҷрибаҳои байналмилалӣ шаҳодат медиҳанд, ки ҷорӣ намудани таҷрибаи идоракунии корпоративӣ ва таҷзияи ширкатҳои энергетик, метавонад ба ҳалли мушкилоти вобаста ба напардохтани маблағи кувваи барқи истифодашуда ва таъмини шаффофият дар соҳаи энергетика мусоидат намояд. Ин раванд муттаҳидсозии дороиҳои ширкатҳои сохтори идоракунияшон ба таври вертикалӣ муқарраргардидаро дар атрофи равандҳои фаъолият, аз қабили истеҳсолот, интиқол, тақсимот ва ҳамчунин дохил намудани ин дороиҳо ба сохтори субъектҳои конунӣ ва молиявӣ тақозо менамояд.

Бо дарназардошти гуфтаи боло соли 2011 Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №431 «Вобаста ба таҷдиди ШСХК «Барқи Тоҷик» қабул гардид. Ҳуҷҷати мазкур уҳдадории Ҳукуматро ба ислоҳот мушаххас ва вазорату идораҳоро барои фаъолияти самаранок дар ин ҷода мушаххас менамояд.

Илова бар ин, бо дастгирии Бонки осиёгии Рушд моҳи ноябри соли 2012 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон амалисозии лоиҳаи Мусоидати техникии «Беҳтарнамоии фаъолияти фаврии соҳа» оғоз гардида, таҷдиднамоии сохтори ШСХК «Барқи Тоҷик» ва тақсимнамоии он ба се қисмати зиддахл, аз қабили истеҳсолот, тақсимот ва интиқолдиҳӣ амалӣ гардида истодааст.

Дар ин раванд барои амалисозии чораҳои гуногун, аз қабили таҷзияи дороиҳо ва уҳдадориҳо, низоми ҳисоботдиҳии молиявӣ ва ҳамчунин идоракунии хадамоти танзимгарии фаврӣ барнома ва раҳнамоҳо таҳия гардидаанд.

Соли 2018 Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №234, ки созмон додани ду шахси ҳуқуқии алоҳида – ҶСК «Шабакаҳои интиқолдиҳандаи барқ» ва ҶСК «Шабакаҳои тақсимоти барқ» дар заминаи шахси хуқуқии мавҷуда – ШСХК «Барқи Тоҷик» тақозо менамояд, қабул гардид.

Шахсони ҳуқуқии нав – ҶСК «Шабакаҳои интиқолдиҳандаи барқ» ва ҶСК «Шабакаҳои тақсимоти барқ» барои хизматрасониҳои интиқолию тақсимотии неруи барқ дар кишвар, ба ғайр аз Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, масъул мегарданд. Лозим ба ёдоварист, ки Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон аз ҷониби ширкати «Помир Энерҷи» дар асоси Шартномаи консессионӣ хизматрасонӣ мешавад.

Дар баробари ин корҳо, ҷиҳати дар амал татбиқ намудани системаи баҳисобгирии истеҳсол, интиқол ва тақсимоти неруи барқ идома дошта, ҳамчунин ҷорӣ намудани тарифҳои алоҳида, низоми ҳисоббаробаркунӣ, ташкили суратҳисоби эскроу тибқи қоидаҳои мувофиқ барои пардохт амалӣ карда мешаванд.

Ба ғайр аз ин, соли 2017 Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон сиёсати тарифии навро, ки бо мақсади рӯйпӯш намудани хароҷот ба арзиши хизматрасонӣ равона карда шудааст, қабул ва дар ин раванд барои кумак дар амалисозии сиёсати тарофавии мазкур методологияи тарифӣ омода гардида буд. Айни замон методологияи тарофавии мазкур дар марҳилаи тасдиқ қарор дорад.

Ташаббусҳои болозикр барои беҳсозии фаъолияти молиявии бахш, ҷалби сармоя тавассути иштироки бахши хусусӣ дар ин самт, аз ҷумла истифодаи механизмҳои гуногуни ҳамкорӣ, аз қабили ҷалби ширкатҳои байналмилалии идоракунанда равона гардидаанд.

Истифодаи механизмҳои гуногун вобаста ба ҷалби бахши хусусӣ барои ташкил намудани фаъолияти устувор ва шаффофи соҳа, манзур намудани нишондиҳандаҳои самарабахши молиявӣ ва амалиётӣ тавассути роҳҳои зерин нигаронида шудааст:

1. мусоидат дар самти таҷзия ба ширкатҳои нави самаранок, аз қабили ширкатҳои барои интиқол ва тақсимот махсусгардонидашуда;
2. азхудкунии усулҳои идоракунии дар сатҳи ҷаҳонӣ эътирофгардида, сиёсат ва низомҳои иттилоотӣ;
3. амалисозии стратегияи самараноки ҳимояи даромадҳо ва паст намудани сатҳи талафот;
4. беҳтарнамоии таҷрибаи идоракунии захираҳои кадрӣ ва рушди иқтидор;

5. таҳкими институтсионалӣ дар самти банақшагирӣ ва пешгӯии сармоя ва сармоягузориҳо.

Санаи 31-уми июли соли 2015 дар ноҳияи Роштқалъа Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон барои бунёди НБО «Себзор» хишти аввал гузошт, ки тадбири муҳим барои беҳтар кардани вазъи соҳаи энергетикаи мамлакат мебошад [1].

Барои боз ҳам беҳтар намудани таъминоти барқ ва афзоиш додани содироти он сохтмони Неругоҳи барқи обии «Себзор» бо тавоноии 11 мегаватт идома дорад. Ин неругоҳ соли оянда пурра ба истифода дода мешавад. Ин нуктаро Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 14-уми октябр зимни суханронӣ дар мулоқот бо роҳбарон ва фаъолони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон дар шаҳри Хоруғ иброз доштанд.

Иқтидори амалкунандаи истеҳсоли неруи барқ дар ҳудуди вилоят 100 фоиз аз ҳисоби манбаъҳои барқароршавандаи энергия фаъолият мекунад. Ин дар шароити тағйирёбии босуръати иқлим ва дигар мушкилоти экологӣ бисёр муҳим мебошад.

Агар то соли 1991 иқтидори истеҳсоли неруи барқ дар вилоят ҳамагӣ 10, 4 мегаваттро ташкил карда бошад, ин нишондиҳанда соли 2024 ба 47, 5 мегаватт расидааст, яъне 4, 7 баробар зиёд шудааст. Илова бар ин, Ҳукумати мамлакат тасмим гирифтааст, ки дар доираи татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ то охири соли 2025 дар вилоят боз 22 мегаватт иқтидори навро ба кор даровarda, ҳаҷми умумии онро ба 76, 5 мегаватт расонад.

Таъмин намудани истиқлоли энергетикӣ яке аз ҳадафҳои стратегии мамлакат эълон шуда, дар заминаи амалисозии маҷмуи тадбирҳои мушаххас дар солҳои соҳибистиқлолӣ дар соҳаи энергетикаи ҷумҳурӣ, аз ҷумла дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон пешравиҳои назаррас ба даст омаданд. Бо ин мақсад, дар ин давра ба соҳаи энергетикаи вилоят дар маҷмуъ, беш аз 3, 4 миллиард сомонӣ маблағ равона гардид.

То имрӯз дар вилоят 73 лоиҳаи хурду миёна ба маблағи умумии 1, 7 миллиард сомонӣ татбиқ гардида, ҳоло корҳо дар доираи 11 лоиҳа ба маблағи умумии 1, 1 миллиард сомонӣ идома доранд. Дар натиҷаи амалигардонии лоиҳаҳои сармоягузории давлатӣ дар ҳудуди вилоят 31 мегаватт иқтидори нави истеҳсоли неруи барқ бунёд гардида, иқтидори мавҷуда дар ҳаҷми 14 мегаватт таҷдиду навсозӣ карда шуд.

Дар солҳои аввали соҳибистиқлолӣ ҳамагӣ 13 фоизи муштариёни вилоят ба барқи 12 соата дар як шабонарӯз дастрасӣ доштанд. Дар натиҷаи тадбирҳои амалигардида аз соли 2016 инҷониб вазъи барқтаъминкунӣ дар вилоят беҳтар гардида, ба 98 фоиз расонида шуд. Яъне аз соли 2016 инҷониб, ба истиснои қисми муштариёни водии Бартанг ва қисми муштариёни ноҳияи Мурғоб тамоми аҳолии вилоят шабонарӯзӣ бо неруи барқ таъмин гардидаанд.

Дар даврони соҳибистиқлолӣ дар ҳудуди вилоят зиёда аз 217 километр хатҳои интиқоли барқи баландшиддати 110-киловолта, 16 зеристгоҳи барқӣ, 289 километр хатҳои интиқоли барқи 35-киловолта ва беш аз 560 километр хатҳои нави барқии иқтидорашон хурд сохта, ба истифода дода шуданд.

Дар ҳудуди вилоят сохтмони боз 135 километр хатҳои интиқоли барқ ба нақша гирифта шудааст, ки дар ояндаи наздик барои устувории низоми энергетикии вилоят ва кишвар истифода мегарданд.

Инчунин, дар доираи татбиқи лоиҳаи электрификатсияи деҳоти Тоҷикистон ба маблағи 400 миллион сомонӣ 27 деҳа тавассути бунёди шабакаҳо бо неруи барқ таъмин гардида, дар 13 деҳа бунёди неругоҳҳои хурди барқи обӣ ва дар 22 деҳа неругоҳҳои барқи офтобӣ ва бодӣ пешбинӣ гардидааст.

Баъди амалӣ гардидани ин лоиҳа таъминоти барқ дар вилоят ба 100 фоиз расонида мешавад.

Вазорати энергетика ва захираҳои об, Ҷамъияти саҳҳомии «Помир Энерҷи» ва роҳбарияти вилоят бояд ҳамкориро бо шарикони рушд ва сармоягузорон ҷиҳати иҷрои лоиҳаҳо ва бунёди неругоҳҳои барқи обии хурд, аз ҷумла неругоҳҳои офтобӣ ва бодӣ тақвият бахшанд.

Амалисозии лоиҳаи «Барқикунонии деҳоти Тоҷикистон (TREP)» дар ҳудуди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон бомаром идома дорад. Тавре аз ширкати «Помир Энерҷи» хабар доданд, дар доираи лоиҳаи мазкур 62 деҳаи бебарқи минтақаҳои дурдасти вилоят бо барқ таъмин хоҳанд шуд. Аксарияти ин деҳаҳо дар ноҳияи баландкӯҳи Мурғоб ҷойгир мебошанд.

Корҳо дар доираи амалисозии ин лоиҳа 13-уми ноябри соли 2019 оғоз гардида, то моҳи декабри соли 2025 пурра бояд ба анҷом расанд. Лоиҳа аз ду марҳала иборат буда, марҳалаи якуми он соли 2021 ба итмом расид. Дар марҳалаи аввал 27 деҳаи бебарқ ва 1114 муштарӣ тавассути сохтмони хатҳои интиқол ва тақсими қувваи барқи 10 ва 0, 4кВ бо насби зеристгоҳҳои трансформатории хурд ва гузарондани ноқилҳои дарунӣ ба қувваи барқ пайваст гардиданд. Дар марҳалаи дуюм, ки

аз соли 2021 оғоз ёфт, сохтмони шабакаҳои хурди автономӣ бо истифодаи панелҳои офтобӣ дар якҷоягӣ бо системаҳои батареявӣ ва як неругоҳи бодӣ дар назар аст. Дар ин марҳала 1928 сокини деҳоти дурдасти ноҳияҳои Мурғоб, Рӯшон, Дарвоз, Ванҷ ва Роштқалъа бо қувваи барқ таъмин мегардад. Мутобиқи лоиҳа, ширкати «Помир Энерҷи» дар ин давра сохтмони 13 неругоҳи барқи обӣ, 30 неругоҳи офтобиро бо системаи батареяҳо ва неругоҳи барқии бодии 200кВт-ро ба нақша гирифтааст, ки иқтидори умумии онҳо 14мВт-ро ташкил хоҳад дод. «Помир Энерҷи» ният дорад, ки то охири соли 2024 боз 7 неругоҳи барқии офтобиро дар якҷоягӣ бо системаҳои батареявӣ бо иқтидори умумии 5,3 мВт дар деҳаҳои Аличор, Башгумбез, Булункӯл, Чечекде, Оқтал, Мамадзоири ноҳияи Мурғоб ва деҳаи Харгӯшии ноҳияи Ишкошим сохта ба истифода диҳад [7].

Ноҳияи Мурғоб минтақаи баландкӯҳ буда, деҳаҳои он аз ҳамдигар дар масофаи то 150-200 км дурӣ ҷойгиранд. Аз ин хотир, сохтмони иншооти барқӣ, мисли кашидани хатҳои барқӣ ба ин деҳаҳо хароҷоти калонро талаб мекунад. Соли 2018 бо иштироки Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон дар маркази ноҳия Неругоҳи барқи обии «Тоҷикистон» баъди навсозӣ ва таҷдид мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифт, ки он маркази ноҳия ва деҳоти атрофи онро бо барқи хушсифат таъмин намуд. Вале деҳоти дурдаст, ҳатто, наздиктарин нуқтаи аҳолинишин ба маркази ноҳия – деҳаи Мамадзоир ҳанӯз ба барқ дастрасӣ надошт. Барои ҳамин, бо дастури Президенти мамлакат Ҳукумати ҷумҳурӣ дар ҳамдастӣ бо Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоят ва ширкати «Помир Энерҷи» тасмим гирифтанд, ки дар минтақаҳои дурдаст барқкунонии алтернативӣ, яъне тариқи энергияи барқи офтобӣ ва бодӣ ба роҳ монда шавад. Таҷриба нишон дод, ки бунёд ва истифодаи ин навъи истгоҳҳои барқӣ дар шароити ноҳияҳои баландкӯҳ, ки ба қувваи об камтар дастрасӣ дошта, маҳалҳои зисташон аз ҳамдигар дар масофаҳои дур воқеанд, фоидаовартар мебошад. Марҳалаи дуюми амалигардонии лоиҳаи мазкур то соли 2025 идома ёфта, тавоноии стансияҳои барқи офтобӣ дар ин давра аз 33 кВт-и соли 2021 то охири амалигардонии барнома ба 2600 кВт мерасад [7].

Ҳамин тавр дар тули солҳои истиқлолият дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон дар самти амалӣ намудани барномаҳои давлатӣ дар соҳаи энергетика ва баҳри расидан ба истиқлолияти энергетикӣ корҳои судманд ба анҷом расонида шудаанд. Ин ҳолат, пеш аз ҳама, ба инкишофи соҳаҳои мухталифи хоҷагии халқ дар вилоят мусоидат намудааст. Бояд қайд кард, ки татбиқи ҳадафҳои ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин самт идома дошта, дар солҳои наздик ВМКБ пурра бо нерӯи барқ таъмин хоҳад шуд.

**АДАБИЁТ:**


1. АМИТ «Ховар» www.khovar. (санаи муроҷиат 12.09.2024)
2. Заҳмати имрӯз ба хотири осудагии фардост //. «Садои мардум». 2010.-19 январ.
3. Қонунҳо ва санадҳои меъёрӣ ва ҳуқуқӣ дар соҳаи энергетика. (Законы и нормативно-правовые акты в области энергетики). –Душанбе, 2013. –75 с.
4. Муроҷиатномаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба мардуми Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, 5 январи соли 2010.
5. Натиҷаи воридоти технологияҳои муосир ва татбиқи он дар истеҳсолоти ватанӣ. sanoat.tj. 22 январи 2024 санҷида шуд.
6. Рушди энергетика дар Тоҷикистон. Қурғонтеппа – 2007.- 64 с.
7. Рӯзномаи «Ҷумҳурият» аз 19.09.2024 № 181.
8. Рӯзномаи «Ҷумҳурият» аз 20.09.2024 № 182.
9. Самиев, Ш.Истиқлолият ва энергетика. (Сиёсати энергетикии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон)/Ш.Самиев. – Душанбе: «Эҷод», 2006.-88 с.
10. Ҳотамов, Н.Б. Социально – экономические преобразования Республики Таджикистан в период суверенитета (1991 – 2006гг.)/Н.Б.Ҳотамов.– Душанбе. 2008.-304 с.


**REFERENCES:**


1. NIAT "Khovar" www.khovar. (accessed 12.09.2024)
2. Today's work is for the sake of individual justice //. "Voice of the people". 2010. January 19.
3. Laws and regulatory and legal acts in the energy sector. (Законы и нормативно-правовые акты в области енергетики). –Dushanbe, 2013. –75 p.
4. Address of the President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon to the people of Tajikistan, Dushanbe, January 5, 2010.
5. The results of the import of modern technologies and their implementation in domestic production. sanoat.tj. Checked January 22, 2024.

6. Energy development in Tajikistan. Qurghonteppa – 2007.- 64 p.
7. The newspaper "Republic" dated 19.09.2024 No. 181.
8. The newspaper "Republic" dated 20.09.2024 No. 182.
9. Samiev, Sh. Independence and energy. (Energy policy of the President of the Republic of Tajikistan) - Dushanbe: "Echod", 2006. 88 p.
10. Hotamov, N.B. Social and economic transformations of the Republic of Tajikistan during the period of sovereignty (1991 - 2006). - Dushanbe. 2008.-304 p.